

# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН[1] ДАР СЕМОҲАИ СЕЮМИ СОЛИ 2024

*Дар семоҳаи сеюми соли 2024 бо назардошти барқароршавии занҷираи таъминоти молу маҳулот дар бозори ҷаҳон, рушди иқтисодиёти ҷаҳон, нисбатан коҳиш ёфтани хавфҳои эҳтимолии марбутаи берунӣ, устувории нишондиҳандаҳои асосии молиявии низоми бонкӣ таъмин гардиданд.*

**Кифоятии сармоя.** Меъёри кифоятии сармоя ва меъёри кифоятии сармояи соф нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявӣ дар низоми бонкӣ ба ҳисоб рафта, дар охири моҳи сентябри соли 2024 аз ҳудуди муқарраршуда 10,6 б.ф. ва 8,7 б.ф. зиёд ичро гардида, мутаносибан 22,6 фоиз ва 18,7 фоизро ташкил доданд.

**1. Меъёри кифоятии сармоя (К1-1) ва сармояи асосии соф (К1-3) дар низоми бонкӣ**




Мавриди зикр аст, ки аз сатҳи талаботи ҳадди ақал баланд қарор доштани нишондиҳандаи меъёри кифоятии сармоя ба кам шудани талафоти эҳтимолии молиявӣ ва таъмини фаъолияти бемамониати низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

**Пардохтпазирӣ.** Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом ба талаботи ҳадди ақали меъёри мақбул (30 фоиз) мутобиқ буда, 80,4 фоизро ташкил намуд. Меъёри пардохтпазирӣ барои ташкилотҳои қарзии низомсоз низ ба талаботи ҳадди ақали меъёри мақбул (50 фоиз) мутобиқ буда, ба 75,7 фоиз баробар гардид. Пардохтпазирии бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи низоми бонкӣ низ дар сатҳи муносиб қарор дошта, 91,6 фоизро ташкил намуд.

**2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)**




**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯйи дороиҳо ва сармоя тамоюли

**3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя**




---

[1] *Бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва ТАҚХ*

муътадил дошта, мувофиқан 4,1 фоиз ва 22,2 фоизро ташкил намуданд.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ 13,0 фоиз ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ 1,7 б.ф. зиёд мебошад.

Нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол бошад, дар ин давра ба 90,2 фоиз баробар гардид.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки таносуби нишондиҳандаи қарзҳои ғайрифаъол тарҳи фонди махсус барои пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба сармояи танзимшаванда ба ҳолати 30 сентябри соли 2024 3,6 фоизро ташкил дод, ки ин нишондод ба кам будани сарбории қарзҳои ғайрифаъол ба сармоя ифода менамояд.

**Хавфи асъорӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи қарзҳои асъорӣ ва пасандозҳои асъорӣ дар муқоиса ба моҳи сентябри соли 2023 ба андозаи 1,2 б.ф. ва 5,8 б.ф. коҳиш ёфта, мувофиқан 30,6 фоиз ва 39,8 фоизро ташкил намуданд. Раванди коҳишёбии долларикунонӣ аз коҳиш ёфтани хавфи асъорӣ ва таъсири омилҳои беруна ба низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳад.

Яке аз роҳҳои муайян намудани осебпазирии сармояи низоми бонкӣ ба хавфи асъорӣ ин таносуби мавқеи умумии кушодаи асъорӣ нисбат ба сармояи танзимшаванда мебошад, ки ин номувофиқатии мавқеи асъорро аз рӯйи дороиҳо ва ухдадориҳо (мавқеи кушода) нишон медиҳад. Тибқи таҳлилҳо сармояи низоми бонкии Тоҷикистон ба хавфи асъорӣ нисбатан камтар осебпазир буда, ба ҳолати охири моҳи июни соли 2024 ин нишондиҳанда (мавқеи кушодаи асъор/ сармояи танзимшаванда) 3,5 фоизро ташкил дод.

*4. Сифати сандуқи қарзӣ*




*5. (НОК-ФПВП)/РК*




*6. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ*




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ*